**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-**
**и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Мубрамияти мавзуи диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло аз амалияи замони муосир, ки раванди мазкур ба мушкилот рӯ ба рӯ аст, бар меояд. Амалияи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оморҳои расмӣ далели ин гуфтаҳост, ки диссертант онро мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додааст. Анҷом додани таҳқиқоти мазкур дар шароити давлати ҳуқуқбунёд ва раванди ислоҳоти соҳа саривақтӣ ва муҳим мебошад. Гузашта аз ин, бо мақсади амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва хизматчиёни давлатӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Таҳқиқоти мазкур, аз як тараф, барои муайян намудани муҳиммияти шуури ҳуқуқии касбӣ барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бахшида шуда, аз тарафи дигар, барои муайян намудани роҳҳои ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар устуворгардонии пояҳои давлати ҳуқуқбунёд ва раванди ислоҳоти милитсия бениҳоят муҳим мебошад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда дар он зоҳир мегардад, ки нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои ба мавзӯи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд.

Асосҳои назариявии диссертатсияро корҳои илмӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, оморҳои расмӣ ташкил медиҳад. Диссертант ба таври лозима корҳои илмӣ таҳқиқотии олимони дохилӣ ва хориҷии кишварро васеъ истифода намудааст. Ҳамзамон бо мақсади дар сатҳи зарурӣ анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ ба таври васеъ истифода гардидааст.

Диссертант ба таври моҳирона ва дуруст аз методҳои илмӣ ба монанди оморӣ, муқоисавӣ, низомнок истифода намудааст.

Яке аз бартариятҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқоти диссертатсионӣ аз методи пурсиш васеъ истифода намудааст. Бахусус дар байни сокинони шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва ВМКБ, оид ба сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ ва маҳорату малакаи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон назарсанҷӣ гузаронида шудааст.

Мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди диссертант гузошта шуда буд дар сатҳи зарурӣ иҷро гардиданд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки кори илмии мазкур нахустин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ вобаста ба шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо дарназардошти раванди ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд омода карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғ.Н. дар асоси таҳқиқи амиқи илмӣ, аз ҷумла таҳлили диссертатсияҳои докторӣ, номзадӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, қонунҳо, консепсияҳову барномаҳои давлатӣ, ҳисобот ва дигар натиҷаҳои оморӣ, инчунин нуктаҳои муҳими илмии аз ҷониби олимони дохил ва хориҷи кишвар рӯи варақ омада, коркард ва пешниҳод гардидааст. Ҳар як нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш гардидааст дорои мазмуни баланди илмӣ ва мантиқӣ мебошад ва дар матни диссертатсия асоснокии худро ёфтааст.

Диссертатсия аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Он ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва сатҳу сифати фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун субъекти амалисозандаи ҳуқуқ баромад мекунанд мусоидат менамояд.

Ҳамзамон натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, метавонад ҷиҳати амалӣ гардидани таъмини волоияти қонун, ҳамчун нишонаҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд истифода гардад.

Натиҷаи масъалаҳои муҳиме, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тахлил карда шудааст, дар муассисаҳои таълимии ҳуқуқшиносӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ метавонанд истифода гардад. Ҳамзамон истифода бурдани натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар тайёр кардани лексияҳо, китобҳои дарсӣ, нақша ва барномаҳои дарсӣ ва ғайра ба мақсад мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мустақилона аз ҷониби Қодирзода Ғолиб Нурулло анҷом дода шудааст. Диссертант бо дарки баланди муҳимияти масъала, ба ҳар як ҷамбаҳои проблемавӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Гарчанде, ки мавзуъ соли 2020 тасдиқ шуда бошад ҳам Қодирзода Ғ.Н. то ин давра атрофи масъалаи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ маълумот ҷамъоварӣ намуда, як чанд корҳои илмӣ нашр намудааст.

Таҳқиқоти тиссертатсионии мазкур ба ихтисосӣ 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот д̆ар бораи ҳуқуқ ва давлат ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мазкур бо забони адабии тоҷикӣ дар шакли илмӣ ва суфтаву фаҳмо навишта шудааст. Иборахои ҳуқуқӣ аз забони русӣ ба тоҷикӣ дар сатҳи илмӣ тарҷума гардидаанд.

Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз пешгуфтор, ду боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт ва замима иборат мебошад.

Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои

дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» таҳқиқоти мантиқан анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
сардори факултети № 2 Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мансурзода А.М.

Имзои Мансурзода А.М. - ро тасдиқ мекунам:
муовини сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Камолӣ З.Б.

28.05.2024